«Тасдиқ мекунам»
Ректори МТҒ «Донишкадаи
тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон»
_____________ Иброгзода З.Х.
аз 31 ___12___ 2022 , №9
тасдиқ шудааст

# Низомномаи
## Раёсати таълими Муассисаи таълимии ғайридавлатии «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон»

### 1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Раёсати таълим дар сохтори «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон» (минбаъд донишкада) бо мақсади амалӣ ва ба танзим даровардани раванди таълим таъссис дода шуда, мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ (мактабҳои олӣ)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон», Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи донишкада фаъолият менамояд.

1.2.Сохтори Раёсати таълим аз Сардори Раёсати таълим, ҷонишини сардори Раёсати таълим, сармутахассис, мутахассиси пешбар иборат аст. Ҳайати кадрии раёсати таълим бо пешниҳоди муовини ректор оид ба таълим ва вазифа пешниҳод карда шуда, бо фармоиши Ректори донишкада ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд.

### 2.Мақсад ва вазифаҳои Раёсати таълим иборат аст аз:

- раванди таълимро дар донишкада ба нақша мегирад, иҷрои онро назорат ва таъмин менамояд;
- дар самти қонеъ гардонидани талаботи шахсият дар рушди зеҳнӣ, фарҳангию ахлоқӣ бо роҳи додани таҳсилоти олии касбӣ дар заминаи ягонагии муттасили фаъолияти таълимӣ ва корҳои илмию тадқиқотӣ саҳм мегирад;
- таҳияи китобҳои дарсӣ ва рисолаҳои таълимию методиро назорат намуда, таъминоти онҳоро арзёбӣ карда, доир ба ин масаъла ба Шӯрои олимон гузориш пешниҳод мекунад;
- вобаста ба ҳалли мушкилоти тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси соҳаи тиб ба Раёсати донишкада таклифҳо пешниҳод менамояд;
- нақшаҳои таълимиро дар ҳамкорӣ бо муовинони ректори донишкада таҳия намуда, бо қарори Шӯрои олимон барои мувофиқа ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тасдиқ ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мекунад;
- доир ба роҳҳои такмил додани донишҳои назариявию амалии донишҷӯён тадбирҳо меандешад;

- дар самти ҷорӣ намудани технологияи муосири таълим, методу тарзҳои самарабахш ва фаъол чораҷӯи мекунад;
- ҷиҳати сатҳи тахассусӣ, малака ва маҳорати касбии омӯзгорон тадбирҳо андешида, рафти иҷрои нақшаи такмили ихтисос ва бозомӯзии мутахасисонро назорат мекунад;
- фаъолияти сохтору зерсохторҳои марбут ба қисми таълимро зери назорат мегирад;
- раванди таълимро, ки ҳадафи он ба донишҷӯён додани дараҷаи муайяни таҳсилот ва тахассус мутобиқи Стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ намудани мазмун ва мундариҷаи таҳсилот маҳсуб меёбад, зери назорат мегирад;
-соатҳои иловагиро дар раванди таълим муайян намуда, якҷо бо декану мудирони кафедраҳо барои ба танзим даровардани онҳо чораҳо меандешад;
-кори ҳайати профессорону омӯзгорони ҳамкори берунаро назорат намуда, мутобиқатии онро бо нақшаҳои таълимӣ ва ҷадвали раванди таълим назорат менамояд;
-фаъолияти ҳайати профессорону омӯзорони донишкада ва ҳамкорро назорат намуда, доир ба дурустии иҷро намудани нақшаҳои инфиродии онҳо санҷишҳо ташкил намуда, доир ба ин масъала ба унвони Раёсати донишкада хулосаҳо пешниҳод мекунад;
- соатҳои холимондаи (вакансия) кафедраҳоро муайян карда, барои қабули омӯзгорон лоиҳаи озмун барои ишғоли вазиваҳои холиро ба Раёсати донишкада пешниҳод менамояд;
-фонди аудитории донишкадаро ташкил карда, барои самаранок истифода кардани синфхонаҳо, кабинетҳо ва лабораторияҳо ба Раёсати донишкада пешниҳод манзур менамояд;
- иҷрои сарбории ҳайати профессорон ва омӯзгоронро назорат мекунад ва нисбат ба омӯзгороне, ки дар иҷрои сарборӣ ба камбудиҳо роҳ медиҳанд, тадбирҳо меандешад;
-фаъол будани компютерҳоро дар раванди машғулиятҳо назорат намуда, доир ба истифодаи технологияи муосир дар раванди таълим хулосаву пешниҳодҳо манзур менамояд;
-татбиқи низоми кредитии таҳсилотро дар факултаву кафедраҳо назорат намуда, дар таҳияи нақшаву барномаҳои таълимӣ аз рӯи ихтисосҳо иштирок мекунад;
-доир ба ҷамъбасти натиҷаи таҷрибаомӯзӣ, рейтингҳои фосилавӣ, имтиҳони ҷорӣ ва хатм дар назди Раёсат ва Шӯрои олимон гузориш дода, доир ба натиҷаи онҳо ба унвони Ректори Донишкада маълумотномаи мукаммал ирсол менамояд;
-ҷадвали умумидонишкадавии рейтингҳои фосилавӣ, имтиҳони ҷорӣ ва давлатиро таҳия ва барои тасдиқ пешниҳод менамояд;
-барои устуворӣ ва таҳкими заминаи моддӣ-техникии кабинетҳо ва озмоишгоҳҳо ба Раёсати Донишкада пешниҳод манзур месозад ва фаъолияти онҳоро зери назорат қарор медиҳад;

- ҷадвали санҷишҳо (рейтингҳо), имтиҳонот ва ҷадвали дарсҳои факултетҳои донишкадаро таҳия ва тасдиқ мекунад, рафти иҷрои онҳоро якҷоя бо кормандони Раёсати донишкада зери назорат мегирад;
-фонди аудитории донишкадаро таҳия намуда, тақсимоти онро миёни факултетҳо ва кафедраҳо ба роҳ мемонад, таъминоти онҳоро бо маводи таълимию техникӣ зери назорат қарор медиҳад;
- таҳияи барномаҳои таълимӣ, стандартҳо тахассусӣ, талаботи давлатӣ, силлабусҳо, курси лексияҳоро дар факултетҳо ва кафедраҳо назорат менамояд ва нусхаҳои онҳоро нигаҳдорӣ менамояд;
- дар донишкада мутобиқати нақшаҳо, силлабус ва барномаҳои таълимиро зери санҷиш қарор медиҳад;
- дар заминаи асосҳои илмӣ, инсонгароӣ, демократӣ, муттасилии ҷараёни раванди таълимро назорат месозад;
- бо назардошти фарогирии имкониятҳои муосири технологияи иттилоотӣ ҷараён гирифтани таълимро дар факултетҳо ва кафедраҳо санҷида, ба раёсати Донишкада гузориш манзур мекунад;
- тайёрии омӯзиш ва иҷрои нақшаю барномаҳои асосии таълимии таҳсилоти олии касбиро дар Донишкада барои дараҷаҳои тахассусии, мутахассис – 5 ва 6 сол назорат менамояд.

## 3. Сохтори Раёсати таълим

3.1.Ба Раёсати таълим Сардори Раёсати таълим роҳбарӣ мекунад. Ҳайати Раёсати таълим иборат аст аз:
- муовини Сардори Раёсати таълим;
-сармутахассис оид ба назорат аз болои иҷрои талаботҳои нақшаҳои таълимӣ ва сарбориии омӯзгорон;
-сармутахассис доир ба назорати иҷрои сарбории омӯзгорони ҳамкор;
- сармутахассис оид ба масъалаҳои омор;
-мутахассиси пешбар оид ба масъалаҳои коргузорӣ дар Раёсати таълим;

## 4. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои Раёсати таълим:

- Раёсати таълим ҳуқуқ дорад, ки барои муваффақиятҳо дар ташкил ва гузаронидани раванди таълим роҷеъ ба мукофотонидан ва ҳавасманд гардонидани деканони факултетҳо, ҷонишинони онҳо, мудирони кафедраҳо, ҳайати профессорону омӯзгорон ва дигар кормандони сохторҳои таълим ба унвони Раёсати Донишкада таклифҳо пешниҳод намояд;
- дар самти ба ҷавобгарии маъмурию интизомӣ кашидани кормандон ва омӯзгорони ҳамаи дараҷаҳо, ки ташкил ва гузаронидани раванди таълимро халалдор кардаанд, барои чораҷӯӣ ба Раёсати Донишкада пешниҳодҳо ирсол намояд;
-дар муҳокимаи масъалаҳои Шӯрои олимон, Шӯрои методӣ ва Раёсати Донишкада ширкат ва масъалагузорӣ намояд;
- дар масъалаи пешниҳоди номзадҳо барои ишғоли вазифаҳои холӣ (дар самти таълим) тадбирҳо андешад.
- мунтазам ҳолати журналҳои гурӯҳҳои академиро мавриди санҷиш қарор медиҳад;

-доир ба вазъи замимаҳои санҷишию имтиҳонӣ ва ҳолати дафтарчаҳои имтиҳонӣ транскрипт ва замимаи дипломҳо таҳлилҳо гузаронад;
-нақшаҳои таълимӣ, нақшаҳои корӣ, барномаҳои кории омӯзгорони кафедраҳо, нақшаи кории садорати факултетҳо ва мудирони кафедраҳоро дида баромада, барои тасдиқ ба Раёсати Донишкада пешниҳод манзур намояд;
- ҳисоботи семоҳа, нимсола, нӯҳмоҳа ва солонаи садорати факултетҳоро талаб намуда, дар таҳияи ҳисоботи умумии Донишкада моҳияти онҳоро ба инобат гирад;
-сари вақт аз садорати факултетҳо ва сохторҳо ҳисоботи оморӣ талаб намояд;
-рафти иҷрои нақшаҳои таълимӣ ва нақшаҳои инфиродии омӯзгоронро мунтазам санҷад;
-оид ба масъалаи сарбории омӯзгорон фармоиши Ректори донишкадаро омода менамояд;
- донишҷӯёни зинаи мутахассис ва ординаторҳоро, ки бо баҳои аъло таҳсил мекунанд, барои гирифтани стипендияҳои номӣ пешниҳод менамояд.

## 5. Тақсимоти вазифавӣ дар байни кормандони Раёсати таълим

5.1. Сардори Раёсати таълим бевосита таҳти роҳбарии муовини ректор оид ба таълимӣ фаъолият намуда, ба Раёсати таълим роҳбарӣ менамояд ва тамоми раванди таълимро баҳри тайёр намудани мутахассисони сифатан ба талаботи замон мувофиқ равона созад.
5.2. Сардори Раёсати таълим роҳбарии умумӣ ва назоратро аз болои кормандони Раёсати таълим амалӣ гардонида, дар байни онҳо вазифаҳоро тақсим менамояд ва иҷро шудани ин вазифаҳоро назорат карда, интизоми қатъии меҳнатиро таъмин менамояд.
5.3.Кори раёсати таълимро барои соли таҳсил ва нимсола ба нақша даровагда, ҷиҳати иҷрои он назорат мебарад.
5.4.Рафти иҷрои нақшаҳои таълимии ҷорӣ, ҷадвалҳои раванди таълим, нақшаҳои инфиродӣ ва барномаҳои кории омӯзгорони кафедраҳоро таҳти назорат қарор диҳад.
5.5.Ҷиҳати иҷрои фармону супоришоти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шӯрои олимон ва Раёсати донишкада, инчунин дигар ҳуҷҷатҳо оид ба масоили корҳои таълимӣ ва таълимию методӣ назорат барад.
5.6.Банақшагирии раванди таълим ва тайёрӣ ба соли нави таҳсил (тартиб додани нақшаҳои инфиродӣ, барномаҳои корӣ, нақшаҳои корӣ ва асноди дигар) аз ҷониби факултаҳою кафедраҳоро амалӣ созад.
5.7.Ҳисобу китоби тақсимоти сарбории ҳайати профессорону омӯзгорони кафедраҳо ва иҷрои амалии онҳоро таҳти назорат гирад.
5.8. Дар якҷоягӣ бо шӯъбаи кадрҳо оид ба тақсимоти рӯйхати мансабии ҳайати профессорону омӯзгорон ва ҳайати таълимию ёрирасон дар байни кафедраҳои Донишкада таклифу пешниҳодот тайёр намояд.

5.9.Тақсими фонди захиравии соатбайъ ва фаъолияти омӯзгорони ҳамкорро назорат барад.
5.10.Дар тартиб додани ҷадвали дарсҳо, имтиҳонот, лоиҳаҳо, фармонҳо, дастурҳо, тавсияҳо дар робита бо маслиҳатҳои маъмурияти Донишкада доир ба иҷрои корҳои таълимӣ ва таълимию методӣ масъул бошад.
5.11.Ҷараёни баргузории санҷишҳо ва рейтингҳоро зери назорат мегирад.
5.12.Оид ба баргузории имтиҳоноти нимсола, давлатӣ, ҳимояи рисолаҳои дипломӣ (ҳимояи рисолаҳои хатм) санҷиш гузаронад.
5.13.Пиромуни истифодаи оқилонаи синфхонаҳо, лабораторияҳо, кабинетҳо ва биноҳои дигари таълимӣ чораҷӯӣ намояд.
5.14.Аз рӯи дастурҳои Ректор ва муовини ректор оид ба корҳои таълимӣ доир ба масоили раванди таълим барои муҳокима дар ҷаласаи Шӯрои олимони донишкада ва ҷаласаи Раёсати донишкада маводи зарурӣ тайёр менамояд.
5.15. Дар бораи тайёр кардани ҳисоботи солонаи фаъолияти донишкада тадбирҳо меандешад.
5.16.Рафти тайёр кардану тартиб додани ҳисоботи оморӣ доир ба масоили раванди таълимро назорат кунад.
5.17.Дар ҳамкорӣ бо Шуъбаи назорати сифати таҳсилот оид ба беҳтар гардидани вазъи таълиму тарбия чораҷӯӣ менамояд.
5.18.Фаъолияти коргузорони факултетҳо ва ҷонишинони декан оид ба таълимро зери назорат мегирад.
5.19.Зуҳуроти қарздории академӣ ва роҳҳои бартараф намудани онро дар мувофиқа бо муовини ректори оид ба таълим чораҷӯи менамояд.
5.20.Вазъи замимаҳои имтиҳонӣ, рафти иҷрои нақшаҳои таълимӣ, сифати журналҳои гурӯҳҳои академӣ ва иҷрои сарбории таълимии омӯзгоронро охири ҳар нимсола назорат мекунад.
5.21.Таҷрибаи пешқадами устодонро мавриди истифодаи омӯзгорони ҷавон ва камтаҷриба қарор медиҳад.
5.22.Ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ташкилотҳо маълумотнома ва ахбори дахлдор оид ба иҷрои қарору нишондодҳо роҷеъ ба масоили таълим ирсол менамояд.
5.23. Ба мактубҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар сохторҳо роҷеъ ба масоили корҳои таълимӣ ҷавоб таҳия мекунад.
5.24.**Муовини сардори Раёсати таълим**

Муовини сардори Раёсати таълим ба Сардори Раёсати таълим итоат карда, масъули корҳои зерин мебошад:
- аз болои сифати тартиб додани ҷадвали дарсҳо ва устувории онҳо дар факултетҳо назорат мебарад:
- иҷрои нақшаҳои таълимӣ ва барномаҳоро дар факултету кафедраҳо месанҷад;

- ҷиҳати тартиб додани дархостҳо барои даъват намудани олимон аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар марказҳои илмию тадқиқотӣ бо мақсади таҳкими ҳамкориҳои таълимӣ чораҳо меандешад;
- вазъи журналҳои гурӯҳҳои академиро санҷиш мегузаронад;
- аз болои машғулиятҳои лексионии муттасил (пайваста) назорат барад;
- аз болои гузаронидани семинару курсҳои махсус ва машғулиятҳои факултативӣ назорат кунад;
- номзадии донишҷӯёни беҳтаринро ба гирифтани стипендияҳои номӣ ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд;
- барои ҳисоботии нимсола ва солона мавод ҷамъоварӣ намояд:
- оид ба риояи ҷадвалҳои санҷишу имтиҳонӣ назорат барад;

5.26. <u>Талаботи касбӣ</u> нисбат ба вазифаҳои Сардори Раёсати таълим, муовин, сармутахассис ва сармутахассиси пешбар пешниҳод намояд:
-собиқаи кории омӯзгории онҳо дар Донишкада на камтар аз 5 сол бошад;
-дар вазифаҳои масъули таълим дар сохторҳои Донишкада фаъолият карда бошанд;
-Оинномаи Донишкада ва низомномаҳои марбут ба соҳаҳои таълимро хуб донанд;
- раванди таълимро дар Донишкада ташкил ва назорат карда тавонанд;
-моҳияти стандартҳо ва талаботи давлатӣ, нақшаҳои таълимӣ ва барномаҳои таълимиро хуб донанд ва ба омӯзгорону кормандон шарҳу тафсил дода тавонанд;
-санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи маорифро хуб донанд;
-нақшаҳои корӣ ва барномаҳои кории намунавӣ тартиб дода тавонанд;
-оид ба масълаву мушкилоти таълим нақшаи чорабиниҳо тартиб дода тавонанд;
-ба омӯзгорон, хусусан ба мутахассисони ҷавон кӯмаки методӣ расонда тавонанд;
-дарси омӯзгоронро аз нигоҳи талаботи технологияи муосири педагогию психологӣ ва методӣ таҳлил карда тавонанд;
- оид ба фаъолияти Донишкада дар ҷодаи таълим ҳисоботи семоҳа, нимсола, нӯҳмоҳа, ва солона сохта тавонанд;
-бо компютер ва барномаҳои асосии он кор карда тавонанд;
-оид ба татбиқи сиёсати давлат дар соҳаи маориф нақшаи чорабиниҳо таҳия карда тавонанд;
-доир ба ҳисоби соатҳо ва тақсими сарбории омӯзгорони тасвибӣ ва ҳамкор таҳлил гузаронида тавонанд;
-роҷеъ ба натиҷаи сессияҳои зимистона ва тобистона ҳисобот сохта тавонанд.

5.27.**Вазифаҳои сармутахассис оид ба назорат аз болои нақшаҳои таълимӣ ва сарбориии омӯзгорон:**
-вазифаҳои хадамотии Сардори Раёсати таълим ва ҷонишини ӯро иҷро кунад;

- ҳисоби соатҳои кафедраҳои умумидонишгоҳӣ ва тахассусиро ба танзим дарорад;
-маълумотномаҳои кафедраҳоро доир ба бастҳои корӣ, соатҳои тақсимшуда ва вакансиямонда санҷад;
-мутобиқати сарбории таълимии омӯзгорони тасвибиро бо нақшаҳои таълимӣ месанҷад;
-оид ба тасдиқи сарбории таълимии омӯзгорони тасвибӣ лоиҳаи фармони Ректорро таҳия созад;
-доир ба рафти иҷрои нақшаҳои таълимӣ дар факултетҳо ва кафедраҳо санҷиш гузаронад;
-супоришҳои Ректори Донишкада ва муовини ректор оид ба корҳои таълимиро иҷро кунад;
-оид ба иҷрои соатҳои омӯзгорони кафедраҳо ҳисобот омода созад;
-маълумотҳои зарурӣро роҷеъ ба сарбории омӯзгорон ва рафти иҷрои сарбориҳо ба базаи компютери Раёсати таълим ворид созад;
-иҷрои нақшаҳои инфиродии омӯзгорони кафедраҳоро назорат кунад;
- риояи реҷаи кории қисми таълимии факултетҳо, мудирони кафедраҳо ва омӯзгорони фанниро санҷад;
-оид ба корҳои басомонрасида ба Сардори Раёсати таълим ҳар моҳ ҳисобот диҳад;
-ҷадвали дарсии омӯзгорони тасвибиро назорат кунад;
-доир ба масъалаи давомоти донишҷӯёни факултетҳои Донишкада ҳисобот омода месозад.

**5.28.Вазифаҳои сармутахассис доир ба назорати иҷрои сарбории омӯзгорони ҳамкор;**

-вазифаҳои хадамотии Сардори Раёсати таълим ва ҷонишини ӯро иҷро кунад;
- ҳисоби соатҳои омӯзгорони ҳамкори дохилӣ ва берунии кафедраҳои умумидонишкадавӣ ва тахассусиро ба танзим дарорад;
-маълумотномаҳои кафедраҳоро доир ба бастҳои корӣ, соатҳои тақсимшуда ва вакансиямонда санҷад;
-мутобиқати сарбории таълимии омӯзгорони ҳамкорро бо нақшаҳои таълимӣ санҷад;
-оид ба тасдиқи сарбории таълимии омӯзгорони ҳамкор лоиҳаи фармони Ректорро таҳия созад;
-доир ба рафти иҷрои нақшаҳои таълимӣ дар факултетҳо ва кафедраҳо санҷиш гузаронад;
-супоришҳои Ректори донишкад ва муовини ректор оид ба корҳои таълимиро иҷро кунад;
-оид ба иҷрои соатҳои омӯзгорони ҳамкори кафедраҳо ҳисобот омода созад;
-маълумотҳои зарурӣро роҷеъ ба сарбории омӯзгорон ҳмкор ва рафти иҷрои сарбориҳо ба базаи компютери Раёсати таълим ворид созад;
-иҷрои нақшаҳои инфиродии омӯзгорони ҳамкори кафедраҳоро назорат кунад;
- риояи реҷаи кории омӯзгорони ҳамкорро санҷад;

-оид ба корҳои басомонрасида ба Сардори Раёсати таълим ҳар моҳ ҳисобот диҳад;
-ҷадвали дарсии омӯзгорони ҳамкорро назорат кунад;
-доир ба масълаи давомоти донишҷӯёни факултетҳои Донишкада ҳисобот омода месозад.

**5.29. Вазифаҳои сармутахассис оид ба масъалаҳои омор;**

- вазифаҳои хадамотии сардори Раёсати таълим ва ҷонишин ӯро иҷро кунад;
-супоришҳои Ректори донишкада ва муовини ректор оид ба корҳои таълимиро саривақт иҷро мекунад;
- аз қисми таълимии факултетҳо дар ҳамкорӣ бо ҷонишинони декан оид ба таълим, илм ва тарбия, ҳисоботҳои омории моҳона, семоҳа, нимсола, нӯҳмоҳа ва солона таҳия намуда, ба Сардори раёсати таълим пешниҳод менамояд;
-оид ба ҳаракати донишҷӯён дар дар асоси пешниҳоди деканҳои факултет ҳар моҳ маълумотнома омода созад;
-доир ба масъалаҳои хатм ва ба ҷои кор ҳозиршавии мутахассисони ҷавон дар робита бо Раёсати кадрҳо ва қисми таҷрибаомӯзӣ ва кор мутахассисони ҷавон маълумотҳои зарурӣ ҷамъ оварда, дар базаи компютерҳои Раёсати таълим ҷойгир менамояд;
-оид ба фонди аудитории ва тақсими синфхонаҳои таълимӣ, озмоишгоҳҳо, таҷҳизоти аёниву техникии факултетҳо маълумотнома омода месозад;
- аз болои ҷадвали лексияҳои обзорӣ ва имтиҳоноти давлатӣ назорат барад;
-ҳайати кадрӣ ва илмӣ – омӯзгории кафедраҳо, факултетҳо ва Донишкадаро муайян намояд;
-доир ба масълаи давомоти донишҷӯёни факултетҳои Донишкада ҳисобот омода созад.

**5.30. Вазифаҳои мутахассиси пешбар оид ба масъалаҳои коргузорӣ.**

-вазифаи хадамотии сардори Раёсати таълим ва ҷонишини ӯро иҷро кунад;
-ҳуҷҷатҳои Раёсати таълимро ба базаи иттилоотӣ ворид кунад;
-тамоми асноди дохилӣ (факултаҳо, қарорҳо, нақшахо, маълумотномаҳо, пешниҳодҳо, гузоришҳо, стандартҳои давлатӣ, нақшаҳои таълимӣ, барномаҳои таълимӣ ва ғайра) -ро дар компютери Раёсати таълим ба танзим медарорад;
-ҷорӣ намудани мукотибот, қабули онҳо аз шуъбаи коргузории идора ва қайд кардани онҳо дар китоби асноди воридоту содирти Раёсати таълим аз рӯи нишондоди муовини ректор оид ба корҳои таълимӣ ё Сардори Раёсати таълим, тақсим намудани онҳо барои иҷро ва ҷиҳати сари вақт натиҷагирӣ гардидани онҳо назорат мебарад;
-коргузории Раёсати таълим ва тайёр намудани номгӯи парвандаҳо;
-бо супориши Сардори Раёсати таълим аз деканатҳо, кафедраҳо, Раёсати Донишкада ва сохтору зерсохторҳои дигари он маълумотҳои зарурӣ оид ба раванди таълим ҷамъоварӣ менамояд;

- супориши Сардори Раёсати таълимро ба сохторҳо, деканҳо, мудирони кафедраҳо ва дигар кормандони донишкада мерасонад;
- телефонограммаҳоро қабул менамояд ва ба шахсони дахлдор расонидани онҳоро амалӣ гардонида, мавриди набудани сардори Раёсати таълим гуфтугӯҳои телефониро навишта ба ӯ мерасонад;
- ахбороти гирифташударо барои аз назар гузаронидану имзо гузоштан ба сардори Раёсати таълим диҳад ва супоришҳои муовини ректорро барои иҷро ба шахсони дахлдор расонад;
- барои бо коғаз ва дигар маводи канселярӣ таъмин намудани кормандони Раёсати таълим ба унвони Ректори Донишкада дархост ирсол менамояд;
- ҳуҷҷатҳои дахлдор - фармонҳо, дастурҳо, қарорҳои Шӯрои олимони донишкада ва дигар ҳуҷҷатҳои Раёсати донишкада ва Раёсати таълимро нусхабардорӣ ва зиёд намуда, ба маълумоти деканатҳо, кафедраҳо ва дигар сохторҳои марбутаи донишкада мерасонад;
- табели кормандони Раёсати таълимро барои гирифтани музди кор (маош) тартиб медиҳад;
- дар тамоми маҷлисҳои аз ҷониби муовини ректор оид ба корҳои таълимӣ ва Сардори Раёсати таълим гузаронидашуда ширкат меварзад;
- дар доираи реҷаи корӣ супоришоти сардори Раёсати таълимиро иҷро менамояд;
-доир ба масълаи давомоти донишҷӯёни факултетҳои Донишкада ҳисобот омода месозад.

**5.Муқаррароти хотимавӣ**

5.1.Низомномаи мазкур баъди тасдиқ мавриди амал қарор дода мешавад.

5.2.Тағйиру иловаҳо ба Низомномаи мазкур бо тартиби муқарраршуда ворид карда мешавад.

5.3.Амали Низомномаи мазкур дар ҳолати қабул гардидани Низомномаи нав қатъ мегардад.

5.4.Масъалаҳои вобаста ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи Раёсати таълим тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода мешавад.

**Замима 1 Феҳрасти ҳуҷҷатгузории Раёсати таълим**

1.Қарорҳо, фармонҳо, дастурҳо, санадҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2.Қарорҳо, фармоишҳои дастурҳо, санадҳои меъёри-ҳуқуқии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

3.Макутбҳои Вазорату идораҳо.

4.Фармоиш ва дастурҳои Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

5.Фармишҳои ректор ва супоришҳои муовинони ректор.

6.Қарорҳои ҷаласаи Шӯрои олимони донишкада.

7.Қарорҳои ҷаласаи раёсати донишкада.

8.Нақшаҳои кории Раёсат.
9.Дастурамалҳои вазифавии кормандон.
10.Нақшаҳои инфиродии кормандон.
11.Ҳисоботи солонаи Раёсат
12.Ҳисоботҳои донишкада
13.Намунаи анкетаҳо(пурсишнома)
14.Саволномаҳои рейтинги фосилавӣ ва саволномаҳои имтиҳонӣ аз фанҳои таълимии кафедраҳо.
15.Дафтари бақайдгирии иштироки кормандон ба дарсҳо.
16. Нақшаҳои таълимӣ ва нақшаҳои кории раёсати таълим.
17.Тақсимоти сарбории таълимии ҳайати проофессорон ва омдонишкада.
18. Ҳисоботи оморӣ
19. Назорати иштироки лонишҷӯён ба машғулиятҳо.
20 Натиҷаи санҷишҳо оид ба донишкада
21. Низомномаҳои донишкада

Низомномаи Раёсати таълим дар ҷаласаи Шӯрои олимони МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон» аз «30".12.2023», №5/3-1 баррасӣ ва ҷонибдорӣ карда шудааст.